**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак,шаҳраки**
**донишҷӯён, бинои таълимии №8,синф.102)**

**Такриз**

**муқаррizи расмӣ доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хамидова Сарвиноз Хамрабоевна ба диссертатсияи Ҳабибуллозода Шохрамазон Мухибулло дар мавзуи «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050601 –Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод шудааст**

**1.Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз руи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050601 –Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) ба бандҳои III.1.1. «Таъсири тарзҳои нави технологӣ ба равандҳои ташаккул ва фаъолияти сохторҳои иқтисодӣ ва ниҳодҳо»; «омилҳои инноватсионии дигаргуншавии иҷтимоию иқтисодӣ»; 1.3. «Ҷанбаҳои иқтисодии пешрафти илмию техникӣ ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои равандҳои макроиқтисодӣ, сиёсати макроиқтисодӣ: самтҳои асосӣ ва вижагиҳои рафтори он» мутобиқат мекунад.

**2.Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар замони муосир пешрафти илмӣ-техникӣ ба яке аз омилҳои калидӣ барои рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ва ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Таъсири ин раванд на танҳо ба баланд бардоштани истеҳсолот ва самаранокии корхонаҳо, балки ба ташаккули иқтидори креативӣ, афзоиши рақобатпазирии бозори меҳнат ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ низ вобаста аст. Аз ин рӯ, омӯзиши асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таҳлили таъсири он ба рушди иқтисодӣ дорои аҳамияти амалӣ ва илмӣ мебошад.

Мухокимаи равандҳои инноватсионӣ ва сатҳи татбиқи технологияҳои нав дар бахшҳои гуногуни иқтисод имкон медиҳад, ки сиёсати рушди иқтисодӣ дар заминаи самаранокии истеҳсолот ва рақобатпазирӣ ба таври мақсаднок ва дуруст амалӣ карда шавад. Ин мавзӯъ инчунин барои таҳияи стратегияҳои миллӣ дар соҳаи илм ва техника, таъмини рушди иқтисодӣ ва таъмини шуғл аҳамияти калидӣ дорад, зеро дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ кишварҳое, ки қобилияти мутобиқшавӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ доранд, суръати рушди иқтисодиёти худро беҳтару устувортар нигоҳ медоранд. Таҳқиқи таъсири пешрафти илмӣ-техникӣ ба рушди иқтисодӣ на танҳо барои афзоиши дониши илмӣ, балки барои қабули қарорҳои стратегӣ ва рушди иқтисоди миллӣ аҳамияти амалӣ дорад.

**3.Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Натиҷаҳои муҳиме, ки навоварии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асоси онҳо ташаккул меёбад, аз инҳо иборатанд:

1. асоснок карда шудааст, ки пешрафти илмӣ-техникӣ раванди пай дар пайи ба вуҷуд омадани идеяҳо ва кашфиёти илмию техникӣ ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани онҳо, фарсуда шудани техника ва зарурати иваз намудани он бо таҷҳизоти муосири сермаҳсул дар низоми муносибатҳои истеҳсолӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои баланди иқтисодӣ, ки дар охир ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷамъият таъсир расонида метавонад пешрафти илмӣ-техникиро дар шароити иқтисоди бозорӣ муайян намояд.

2. тадқиқоти прогресси илмӣ-техникӣ ҳамчун мафҳуми илмӣ-техникии иқтисодӣ вобаста аз маҷмӯи омилҳо, ки он метавонад ду шакли прогресси илмӣ техникиро дар бар гирад, методологияи омӯзиши он ба ҳамин роҳҳо, яъне эвалютсионӣ-табиӣ ва ревалютсионӣ-инқилобӣ омӯхта шуда, истифодаи он боиси натиҷаи мусбӣ ва такмилдиҳии ҳама ҷараёнҳои муносибатҳои истеҳсолӣ мегардад.

3. ҳолати муосири ҷараёнӣ ва пешрафти илму техникаро дар низоми муносибатҳои бозорӣ ва дигар сохторҳои ҷамъиятӣ бе сатҳи зарурии маблағгузорӣ тасаввур кардан мумкин нест, чунки ягона муҳаррик, ки ҷараёнро пешрафт мебахшад ин ба ғайр аз маблағгузории мақсаднок боз маблағҳои ҷамъшаванда аз ҳар гуна сарчашмаҳои хусусӣ ва сармоягузории иттиҳдиявӣ мебошад. Ин ҷараён иборат аз ғояҳои навоваранда буда, натиҷаи он ба тиҷорат дорои аҳамияти беандоза ва таъсири мусбӣ ба ҳолати иҷтимоӣ- иқтисодии мамлакат расонида метавонад.

4. таҳлилҳо нишон доданд, ки дар давраи омӯзиши ҷараёнҳои амалисозӣ, махсусан заминаҳои илмии мусоидаткунанда ба прогреси илмӣ-техникиро, ки иҷрои корҳои илмӣ заминаи асосии он мебошанд, дар давоми солҳои 2018-2023 дар ҷумҳурӣ тамоюли коҳишшавандагӣ доранд. Ин раванд дар давраи таҳлилӣ дар баъзе аз минтақаҳои мамлакат аз ҷумла дар вилоятҳои Суғду Хатлон ва НТҶ дида мешавад, яъне аз маҷмӯи муассисаҳое, ки дар соли 2018 ҳамагӣ 82 адад буданд, дар соли 2023 то ба 80 адад расиданд. Ин ҷо натиҷаи мусбии ба ҳолати муосир таъсиррасонанда ва прогресси илмӣ- техникӣ, ки ба маҳсули худ, ки ҷараёни инноватсионӣ мебошад натиҷабахшанда мешавад. Пешрафти илмӣ-техникиро бо нишондодҳои рушди илмӣ-техникӣ бо истифода аз соҳаҳои таркиб, он муассисаҳои олии таҳсилоти касбӣ арзёбӣ намудан лозим аст, ки он тамоили рушд ва ғояҳои нави арзишнокро таъмин карда истодааст.

5. муайян карда шуд, ки дар пешрафти илмӣ-техникӣ баъзе аз мушкилотҳо ҷой доранд. Ба мисли норасоии маблағҳо дар молиякунонии ин раванд, яъне аз таъминоти моддиву техникӣ дар соҳаи илм ибтидо ёфта, то ба пайвастагии зичи алоқаманд ба раванди истеҳсолот дорад. Агар ислоҳи ин раванд мусбӣ таъмин карда шавад, пас раванди тиҷратикунонии натиҷаи он рушд карда, ғояҳои ба даст

овардашударо мумкин аст дар ду сатх, яъне дар сатҳи эндогенӣ ва экзогенӣ дар чараёни муносибатҳои истеҳсолӣ истифода кард.

6. новобаста аз характер ҳама самтҳои прогресси илмӣ-техникӣ ба мамлакати мо ва дигар давлатҳо метавонад воситаи афзалиятнок дошта бошад. Ин чо дар заминаи омӯзиши коэффесентҳои гуногун самтҳои асосии рушди пешрафти илмӣ-техникӣ муайян карда шудааст, ки он аз чанбаи умумӣ ва афзалиятнок иборат буда, инчунин аз чор унсури ба ҳам алоқаманди якдигарро пуркунанда, ки се самти вобастаи низомсозандаро бо зерсохтори он дар бар мегирад.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Андешаҳои зерин барои ҳимоя пешниҳод гардидааст, ки мухтавои асосӣ ва дурусти навигариҳои илмии диссертатсияро ошкор намуда, дар диссертатсия моҳияти илмии онҳоро муттаҳид мекунад.

1. асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмии иқтисодии ватанию хориҷӣ, таърифи нави пешрафти илмӣ- техникӣ пешниҳод, инчунин методологияи арзёбии самаранокии иқтисодиии пешрафти илмӣ-техникӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ муайян гардидаанд;

2. вазъи имрузаи пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти миллии мамлакат дар асоси истифодаи усулҳои таҳлили омории динамикаи нишондиҳандаҳои асосии иҷтимоиву иқтисодӣ арзёбӣ шуда, намуди вобастагии рушди иқтисодиёт аз пешрафти илми-техникиро дар низоми иқтисоди бозорӣ бо заминаи сарчашмаҳои он пешниҳод карда шуданд;

3. омилҳои иқтисодии монеашаванда дар самти пешрафти илмӣ-техникӣ ошкор гардида, роҳҳои ҳалли ин муаммоҳо дар амал омӯхта шуда, ҷиҳатҳои манфӣ ва мусбии он дар чорчӯбаи муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, ки дарбаргирандаи чунин равандҳост, инчунин мушкилотҳои ҷойдошта ва чараёни бартарафсозии он дар низоми

иқтисоди миллӣ, ки ҳамчун индикатори тақвият бахшидани соҳа ва ба таъмини рушди он мусоидат мекунад, пешниҳод карда гардидааст.

4. самтҳои умумии пешрафти илмӣ-техникӣ муайян карда шуда, самтҳои афзалиятноки пешрафти илмӣ-техникии инноватсионӣ барои рушди иқтисодиёти мамлакат, ки онро дар асоси ташкили зерсохтори ҷойдошта, ки он мусоидат ба пешрафти илмӣ-техникӣ менамояд ва барои татбиқи бештар зарурат ба механизми иқтисодӣ дар самти дастгирии давлатӣ оид ба рушд ва пешрафти илмӣ-техникӣ дорад, амалӣ карда мешавад.

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар диссертатсия бар асоси таҳлили амиқ ва системавии маълумотҳои оморӣ, таҳқиқоти назариявӣ ва муқоисавӣ бо таҷрибаҳои байналмилалӣ асоснок шудаанд. Омӯхтани таъсири пешрафти илмӣ-техникӣ ба рушди иқтисодӣ ба донишҳои илмии мавҷуда такя мекунад ва бо истифода аз усулҳои таҳлилии оморӣ ва методологияи илмии иқтисодӣ натиҷаҳои таҳқиқот боэътимод арзёбӣ карда мешаванд.

Ҳисобу таҳлилҳои дар диссертатсия овардашуда нишон медиҳанд, ки татбиқи технологияҳои нав ва ҷорӣ намудани равандҳои инноватсионӣ дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт (аз ҷумла саноат, хизматрасонӣ ва технологияи иттилоотӣ) ба афзоиши самаранокии истеҳсолот, рушди иқтидори креативии қувваи корӣ ва беҳтаршавии рақобатпазирии бозори меҳнат таъсири мусбӣ мерасонанд. Ин нишондиҳандаҳо бо маълумоти омории расмӣ ва таҳлилҳои муқоисавӣ тасдиқ шудаанд ва эътимоднокии хулосаҳои пешниҳодшударо таъмин менамоянд.

Ҳамзамон, тавсияҳои амалии таҳқиқот (масалан, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ, афзоиши сармоягузорӣ ба инноватсия ва такмили малакаҳои касбии қувваи корӣ) дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва

таҷрибаи кишварҳои тараққикарда пешниҳод гардида, барои қабули қарорҳои стратегӣ ва сиёсати рушди иқтисодӣ эътимоднок мебошанд.

Аз ин ҷиҳат, метавон хулоса кард, ки хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия ҳам аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ асоснок буда, барои таҳияи стратегияҳои инноватсионӣ ва афзоиши рақобатпазирии иқтисодиёт аҳамияти воқеӣ доранд.

**5.Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Тадқиқот механизмҳои таъсири технологияҳои нав ва инноватсионӣ бар афзоиши самаранокии истеҳсолот, баланд бардоштани рақобатпазирии қувваи корӣ ва рушди бахшҳои мухталифи иқтисодиётро таҳлил менамояд. Ин натиҷаҳо на танҳо барои такмили назарияҳои мавҷуда аҳамият доранд, балки имконият медиҳанд, ки онҳо дар таҳқиқоти минбаъда ва рушди илмии соҳа амалӣ гарданд.

Тавсияҳои амалӣ, ки дар таҳқиқот пешниҳод шудаанд, аз қабили ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва инноватсионӣ, баланд бардоштани малака ва қобилиятҳои касбии қувваи корӣ, ҳамчунин афзоиши сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои инноватсионӣ ва таҳқиқоти илмӣ, имкон медиҳанд, ки муассисаҳо ва корхонаҳо сатҳи самаранокӣ ва рақобатпазирии худро мунтазам беҳтар созанд.

Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ба рушди иқтисодӣ таъсири мусбӣ мерасонад, зеро пешрафти илмӣ-техникӣ ба афзоиши истеҳсолот, беҳтар шудани сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ, коҳиши хароҷоти истеҳсолӣ ва ҷалби сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат мекунад. Ин равандҳо барои афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва устувории иқтисодиёти кишвар аҳамияти бевосита доранд.

Таъсири пешрафти илмӣ-техникӣ ва татбиқи тавсияҳои диссертатсия ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ, афзоиши ҷойҳои нави корӣ ва рушду тараққиёти иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳанд, ки қувваи кории кишвар бо

малакаҳои нав ва қобилияти креативӣ муҷаҳҳаз гардонида шуда, сатҳи бекорӣ коҳиш ёбад. Ин тавсияҳо имкон медиҳанд, ки натиҷаҳои диссертатсия ҳам дар таҳқиқоти минбаъда ва ҳам дар амал татбиқ шуда, рушди устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварро таъмин намоянд.

**6.Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи он дар нашрияҳои аз тарафи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда ба нашр расидааст.

**7.Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Барасмиятдарории диссертатсия мутобиқи талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардидааст. Сохтор ва мазмуни кор ба меъёрҳои амалкунандаи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ оид ба таҳия ва ҳимояи диссертатсияҳо ҷавобгӯ буда, ҳамаи қисматҳои ҳатмӣ, аз ҷумла муқаддима, бобҳо, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо дар он ба таври мантиқӣ ва пайдарпай пешниҳод шудаанд. Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло дар мавзуи «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050600– Иқтисодиёт (6D050601 – Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)) пешниҳод шудааст дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 31,33,35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**8.Эрод ва ҷанбаҳои мубоҳисавии диссертатсия**

Бо вуҷуди арзиши баланди илмиву амалии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ, ки дар сатҳи аҳсант анҷом дода шудааст, як қатор камбудию норасоиҳо ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба моҳияти илмию амалӣ ва методологии диссертатсия муассир мебошад.

1. Ҳарчанд дар диссертация мафҳуми пешрафти илмӣ-техникӣ таҳлил шудааст, вале дар адабиёти илмӣ то ҳол таърифи ягона ва умумпазир вуҷуд надорад. Тавсия дода мешавад, ки муаллиф дар бахши назариявӣ таърифи худро бо истифода аз ҷадвал ё муқоисаи систематикӣ бо тафсирҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ пешниҳод намояд, то сатҳи навоварии илмии таҳқиқот ва фарқияти он нисбат ба дигар таҳқиқотҳо ба таври возеҳ арзёбӣ гардад.

2. Дар диссертатсия назарияҳои классикӣ ва муосир, аз қабили Кондратев, Шумпетер, Солоу, Ромер ва Лукас зикр шудаанд, аммо робита ва татбиқи онҳо дар мисолҳои амалӣ ё таҳлили эмпирикӣ кофӣ равшан намешавад. Муаллиф метавонист бо овардани мисолҳои мушаххаси кишварҳо ё бозорҳо нишон диҳад, ки чӣ тавр ин назарияҳо дар амал татбиқ гардида, ба рушди иқтисодӣ таъсир мерасонанд.

3. Дар диссертатсия ба таври умумӣ таъкид карда шудааст, ки таҷрибаи кишварҳои таҳлилшуда барои Тоҷикистон аҳамияти муҳим дорад, аммо механизми мушаххас ва роҳҳои мутобиқсозии он бо шароити дохилӣ равшан пешниҳод нашудаанд. Муаллиф бояд шароитҳо, иқтидор ва менталитети ҳар як кишварро бо Тоҷикистон муқоиса карда, намунаҳои амалӣ ва роҳҳои татбиқи таҷрибаро пешниҳод намояд.

4. Дар диссертатсия ба таври умумӣ таъкид карда шудааст, ки илм, технология ва инноватсия ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунанд, аммо ҷудошавии таҳлил ба рақамҳо ва омилҳои таҳлилӣ маҳдуд аст. Хуб мешуд, ки муаллиф нишон диҳад, ки чӣ гуна афзоиши хароҷоти буҷетӣ барои пешрафти илмӣ-техникӣ ба сатҳи ММД таъсир мерасонад.

5. Хуб мешуд агар, модели пешниҳодшуда (тасвир 2.1.2) бо формула ё алгоритме такмил дода шавад, ки алоқамандии нишондиҳандаҳои сармоягузорӣ, пешрафт ва ММД-ро барои нишон додани таъсири сармоягузорӣ ба рушди илму техника ва иқтисод равшан намояд.

6. Ҷадвалҳои хароҷоти буҷетӣ ва динамикаи институтҳо хуб мебошанд, аммо таҳлил ба фоизҳо ва нишондодҳои муқоисавӣ бо

кишварҳои пешрафта кам аст. Ин метавонад муаллифро ба даст овардани нақшаи тағйирот ва тавсияҳои сиёсати давлатӣ ёри диҳад.

7. Ҷадвалҳо фаровон ва муфассал мебошанд, ки ин барои таҳлили масъала мусоид аст. Бо вуҷуди ин, дар баъзе ҳолатҳо маълумот такрорӣ ба назар мерасад. Масалан, ҷадвали 2.2.3 маҷмӯи васеи муассисаҳои илмӣ-тадқиқотиро фаро мегирад, ки хондан ва таҳлили онро мушкил мегардонад. Барои беҳтар намудани шаффофият ва дастрасӣ ба маълумот тавсия дода мешавад, ки чунин ҷадвалҳо ба гурӯҳҳои алоҳида тақсим карда шаванд - аз қабили академияҳо, донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ-тадқиқотӣ - ё қисми пурраи маълумот ба замимаҳо интиқол дода шавад. Ин амал мутобиқати ҷадвалҳоро бо мақсади корбурди илмӣ осонтар намуда, дарки сохтори низоми илмӣ-тадқиқотии кишварро беҳтар мегардонад.

Бо ибрози чунин нуктаи назар метавон гуфт, ки эродҳои қайдкардашуда ҷиддӣ набуда, онҳо ислоҳшавандаанд ва хусусияти тавсиявӣ дошта ба сатҳи баланди илмию амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад.

**9.Хулоса оид ба мувофиқати диссертатсия ва меъёрҳое, ки тартиби додани дараҷаҳои илмӣ муқаррар кардааст**

Умуман, рисолаи илмӣ дар сатҳи баланди илмӣ ва амалӣ анҷом дода шудааст, он кори анҷомёфтаи илмӣ ва тахассусӣ мебошад. Ҳамин тавр, гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи Ҳабибуллозода Шоҳрамазон Муҳибулло дар мавзуи «Асосҳои назариявии пешрафти илмӣ-техникӣ ва таъсири он дар рушди иқтисодӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050601 –Назарияи умумии иқтисодӣ (иқтисоди сиёсӣ)), пешниҳод гардидааст дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи бандҳои 31,33,35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 267 аз 30 июни соли 2021 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори

дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ**
**дотсенти кафедраи кори бонкии**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”** **Хамидова С.Х**

**Имзои д.и.и., дотсент Хамидова С.Х.-ро тасдиқ менамоям.**

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров** **Сайдуллозода З.С.**

**Суроға 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд гузаргоҳи Мавлонбеков 1. Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; Факс:(83422) 6 75 18; Тел: (+992) 92 701 97 55 E-mail: istambonu@mail.ru**